ШАРТНОМАИ № 497718
оиди тайёр намудани маводҳои лоиҳавӣ

аз 31 майи соли 2023 ш. Душанбе

Муассисаи давлатии «Мудирияти корхонаҳои сохташудаистода»-и Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шахсияти директор Сироҷзода Ш., ки дар асоси Оиннома амал менамояд ва минбаъд «Фармоишгар» номида мешавад, аз як тараф ва аз тарафи дигар, Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Лоиҳаи роҳ» дар шахсияти Директор Нуроншоев Ф., ки дар асоси Оиннома фаъолият менамояд, минбаъд «Иҷрокунанда» номбар мешавад ва дар номбурди якҷоя «Тарафҳо» номида мешаванд, ба чунин мувофиқа расиданд:

1. МАВЗӮИ ШАРТНОМА

1.1. «Фармоишгар» супориш медиҳад ва «Иҷрокунанда» ӯҳдадориҳоро ҷиҳати иҷрои корҳои кофтуковӣ ва лоиҳакашии иншооти **«Сохтмони пул дар км 231+700 роҳи автомобилгарди Хоруғ - Ишкошим - Тузкӯл»** дар доираи «Лоиҳакашии роҳ ва пулҳо» ба зимма мегирад.

1.2. «Иҷрокунанда» ӯҳдадор мегардад ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ - харҷномавиро дар асоси супориши техникӣ таҳия кунад ва «Фармоишгар» ӯҳдадор мегардад, онҳоро қабул карда маблағи иҷрои корро пардохт намояд.

1.3. Талабот ба маҳсулоти лоиҳавӣ, ки мавзӯи шартномаи мазкур мебошад, дар супориши техникии аз тарафи ҷонибҳо мувофиқагардида (замимаи №1), ки қисми таркибии шартномаи мазкур мебошад, дарҷ мешавад.

1.4. Маҳсулоти лоиҳавӣ, ки мавзӯи шартномаи мазкур мебошад, бояд ба талаботи ҳуҷҷатҳои дахлдори меъёрии амалкунанда мутобиқат намояд.

2. АРЗИШИ КОРҲО ВА ТАРТИБИ ҲИСОББАРОБАРКУНИҲО

2.1. Арзиши корҳо тибқи шартномаи мазкур **211950** (дусаду ёздаҳ ҳазору нуҳсаду панҷоҳ) сомониро бо назардошти ААИ ташкил медиҳад.

2.2. «Фармоишгар» ӯҳдадор мегардад, ки ба миқдори **20%** аз арзиши корҳои шартномавӣ маблағ пешпардохт намояд. Маблағи мазкур **42390** (чилу ду ҳазору сесаду навад) сомониро бо назардошти ААИ ташкил медиҳад.

2.3. Арзиши шартномавии корҳои лоиҳавӣ дар шакли кушода боқӣ мемонад ва дар сурати тағйири нарх ва тарофаҳо барои мавод (масолеҳ), таҷҳизот, хизматҳои ташкилотҳои беруна ва дигар хароҷот, шартҳои пардохти меҳнатии кормандони «Иҷрокунанда», инчунин дар мавриди қабули қонунҳои нав, баромадани амрҳо, қарору дигар санадҳои меъёрӣ имкон дорад бо розигии «Фармоишгар» дақиқ карда шавад.

2.4. Ҳисоббаробаркунии тарафайн барои маҳсулоти лоиҳавӣ ҳангоми иҷрои корҳои воқеӣ бо назардошти нархномаҳои ҳуҷҷатҳои меъёрии амалкунанда барои корҳои лоиҳакашӣ, инчунин бо назардошти коэффисиенти ҳисоби нархҳои ҷорӣ барои корҳои лоиҳакашӣ, ки аз тарафи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, амали карда мешавад.

2.5. Дар ҳолати амали гардидани маҷмӯаи нархномаҳои нав барои корҳои лоиҳави арзиши корҳои лоиҳави, ки ба «Фармоишгар» барои пардохт пешниҳод мегардад, бо розигии «Тарафҳо» дар асоси нархномаҳои нав муайян карда мешавад.

2.6. Ҳисоббаробаркуни тибқи харҷномаи иҷроиши амалӣ карда мешавад.

2.7. Дар мавриди зиёд гардидани ҳаҷм ва арзиши корҳои воқеии иҷрогардида шартномаи иловаги баста мешавад.

2.8. Шарти оғози кор барои ҳар марҳалаи баъдина пардохти арзиши кори иҷронамудаи «Иҷрокунанда» ва қабули марҳилаҳои пешинаи кор аз тарафи «Фармоишгар» мебошанд.

3. ҲУҚУҚ ВА ЎҲДАДОРИҲОИ ТАРАФАЙН

3.1. «Иҷрокунанда» ӯҳдадор аст:

3.1.1. Корҳоро дар асоси супориши техники ва дигар маводи муқаддамотии аз тарафи «Фармоишгар» барои лоиҳасози, ки тибқи шартнома додашудаанд, иҷро намояд;

3.1.2. Талаботи меъёрҳои сохтмониро ҳангоми таҳияи маҳсулоти лоиҳави риоя намояд;

3.1.3. Пешниҳод ва эродҳои «Фармоишгар»-ро оиди сифати маҳсулоти лоиҳавӣ барраси намуда, ба онҳо ҷавоб диҳад;

3.1.4. Дар ҳимояи ҳуҷҷатҳои лоиҳави ва ҷустуҷӯи дар назди мақомотҳои дахлдор ва экспертизаи давлатӣ иштирок намояд.

3.1.5. Ба «Фармоишгар» барои мувофиқасозии зарурии маҳсулоти техникӣ дар мақомоти назорати давлай ва ташкилотҳои дахлдор мусоидат намояд;

3.1.6. Бо қувваи худ ва аз ҳисоби худ дар мӯҳлатҳои мусоид хатою нуқсонҳои дар маҳсулоти лоиҳави бо айби вай рӯйдодаро ислоҳ намояд;

3.1.7. Ҳуҷҷатҳои тайёри лоиҳави - харҷномавиро ба миқдори 3 нусха дар шакли қоғази ва 1 нусха дар дар шакли PDF ба «Фармоишгар» супорад, инчунин дар сурати зарурӣ шакли электронии онро низ ба «Фармоишгар» диҳад;

3.1.8. Ҳуҷҷатҳои техникиро бе розигии «Фармоишгар» ба шахсони сеюм надиҳад.

3.2. «Иҷрокунанда» ҳуқуқ дорад:

3.2.1. Ба «Фармоишгар» ҷиҳати қабул ва пардохт маводи байнифосилавиро пеш аз мӯҳлати пешбинигардидаи ҷадвали тақвими фиристад;

3.2.2. Аз «Фармоишгар» иҷрои талаботи шартномаи мазкурро талаб намояд.

дода барои корҳои иҷрошуда маблағ ва аз сари нав таҳия намудани ҳуҷҷатҳои шартномавиро талаб намояд.

11.5. «Фармоишгар» ҳуқуқи бе розигии «Иҷрокунанда» ворид намудани тағйиротро ба ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ надорад.

11.6. Шартномаи мазкур дар се нусхаи аслӣ тартиб дода як нусхагӣ барои тарафҳо ва як нусха ба мақомоти маблағгузор пешбинӣ шудааст. Ҳамаи нусхаҳо дорои қувваи баробари ҳуқуқӣ мебошанд.

11.7. «Фармоишгар» вазифадор аст, ки шартномаи мазкурро дар мӯҳлати 5 рӯз баррасӣ ва таҳия карда бо мактуб ба «Иҷрокунанда» равон намояд.

11.8. «Тарафҳо» махфияти маълумоти ба шартнома алоқамандро, ки ба он ҳамагуна маълумоти ба ҳамдигар додашаванда метавонад дохил бошад ва оиди махфияти онҳо мувофиқа шуда бошад, таъмин карда ифшо намесозанд, нашр намекунанд ва пурра ё қисман ин маълумотро ба манфиати шахси сеюм бе мувофиқаи пешакии тарафи дигар манзур наменамоянд.

11.9. Ба шартномаи мазкур замима мегарданд:

- супориши техникӣ (замимаи №1);
- нақшаи тақвимии кор (замимаи №2);
- харҷномаи ҷамъбастӣ (замимаи №3);
- маҷмӯи харҷномаҳо.

12. РЕКВИЗИТҲОИ ТАРАФҲО

МД «Мудирияти корхонаҳои сохташудаистода»

734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, к. Айнӣ 14
С/ҳ: 20204972111010100001
дар Раёсати Марказии Хазинадории
Вазорати молияи ҶТ
ҲМБ 22402972000002
РМБ 350101800
РМА 010004685

_____ Ш. Сироҷзода

ҷ.м.

Ҷамъияти дорои масъулияти махдуди «Лоиҳаи рох»

Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, н.Сино, к.Маяковский 37
С/ҳ: 20202972518050046288
ҶСП «Аввалин бонки молиявии хурд»
дар шаҳри Душанбе
ҲМБ 204029725118051
РМБ 350101805
РМА 040045435

_____ Ф. Нуроншоев

ҷ.м.